**Бо қарори Ҳукумати**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**аз 2 июли соли 2008, № 296**
**тасдиқ шудааст**

# БАРНОМАИ
# ТАЙЁР КАРДАНИ КАДРҲОИ ИЛМӢ ДАР
# ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ СОЛҲОИ 2009-2015

## ШИНОСНОМАИ
**Барномаи тайёр кардани кадрҳои илмӣ дар**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон бароисолҳои 2009-2015**

| | |
|---|---|
| Номи Барнома | Барномаи тайёр кардани кадрҳои илмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2015 |
| Асос барои таҳияи Барнома | Нақшаи чорабиниҳо доир ба амалисозии Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илм ва технология барои солҳои 2007-2015 (банди6.1. Барномаи тайёр кардани кадрҳои илмӣ), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 августи соли 2006 № 362 тасдиқ шудааст |
| Иҷрокунандагони асосии Барнома | Муассисаҳои илмию таҳқиқотии Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (АИ ҶТ), муассисаҳои илмию таҳқиқотии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон (АИКТ), Академияи илмҳои педагогӣ муассисаҳои таҳсилоти олии низоми Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон (ДДМТ) |
| Таҳиягарони Барнома | Гурӯҳи кории байниидоравӣ оид ба омода кардани Барномаи тайёр кардани кадрҳои илмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2015, ки бо қарори Раёсати АИ ҶТ аз 8 октябри соли 2007 № 95 таъсис дода шудааст |
| Мухлати амали-созии Барнома | Солҳои 2009-2015 |
| Мақсад ва вазифаҳои Барнома | Мақсади Барнома - таҳия ва иҷрои маҷмӯи чораҳо доир ба такмил ва рушди низоми тайёр кардани кадрҳои илмӣ барои бо миқдори зарурии мутахассисон, дар навбати аввал дар самтҳои афзалиятдоштаи таҳқиқоти илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2007, № 333 тасдиқ шудааст таъмин намудани муассисаҳои илмию таҳқиқотӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва ба |

| | |
|---|---|
| | вуҷуд овардани нерӯи илмие, ки қобилияти дар сатҳи муосир ҳал кардани муҳимтарин масъалаҳои илмию техникӣ ва иҷтимоию иқтисодии рушди мамлакатро дошта бошад. Барои расидан ба мақсадҳои Барнома ҳал кардани маҷмӯи вазифаҳое дар назар аст, ки ба такмил додан ва баланд бардоштани самаранокии низоми тайёр кардани кадрҳои илмӣ ва аттестатсияи кадрҳои илмӣ ва илмию омӯзгории тахассуси олӣ нигаронида шудаанд |
| Самтҳои асосии амалисозии Барнома | Баланд бардоштани самаранокии аспирантура дар муассисаҳои илмӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олӣ. Тайёр кардани номзадҳо ва докторҳои илм дар муассисаҳои илмӣ ва муассисаҳои таҳсилотӣ Таҳсил дар аспирантура ва тайёр кардани кадрҳо дар марказҳои илмӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олии хориҷӣ. Такмил додани низоми аттестатсияи кадрҳои илмӣ ва илмию омӯзгории тахассуси олӣ |
| Натиҷаҳои ниҳоии амалисозии Барнома | Чорабиниҳо доир ба дастгирӣ ва рушди низоми тайёр кардани кадрҳои илмии мувофиқ ба талаботи муосир ва ба вуҷуд овардани нерӯи илмие, ки қобили ба таври самаранок ҳал намудани муҳимтарин масъалаҳои илмию техникӣ ва иҷтимоию иқтисодии мамлакат бошад, омода ва иҷро карда мешаванд |
| Таъмини молиявии амалисозии Барнома | Манбаи асосии таъминоти молиявии Барнома маблағгузории буҷетӣ мебошад, ки он ба соҳаи "Илм" ва соҳаи "Маориф" ҷудо карда мешавад. Барои иҷрои чорабиниҳои Барнома манбаъҳои ғайрибуҷетии маблағгузорӣ, аз ҷумла маблағҳои ташкилоту байналмилалӣ низ ҷалб карда фондҳои мешаванд. Нишондиҳандаҳои мақсадноки дурнамои хароҷоти молиявӣ ва манбаъҳои маблағгузорӣ зимни коркарди чорабиниҳои алоҳидаи Барнома муайян карда мешаванд |
| Назорати иҷрои Барнома | Назорати иҷрои чорабиниҳои Барнома ба зиммаи АИ ҶТ, Вазорати маорифи ҶТ ва Комиссияи аттестатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон (КА ҶТ вогузор карда мешавад |

## Мукаддима

Барномаи тайёр кардани кадрҳои илмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2015 (минбаъд - Барнома) дар асоси банди 6.1 Нақшаи чорабиниҳо доир ба амалисозии Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илм ва технология барои солҳои 2007-2015, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 августи соли 2006 № 36 тасдиқ шудааст, таҳия гардидааст.

Дар айни замон тайёр кардани кадрҳои илмӣ дар бисёр самтҳои илмҳои дақиқ, табиатшиносӣ, техникӣ, тиббӣ, кишоварзӣ, гуманитарӣ ва ҷамъиятшиносӣ дар Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, Академияи илмҳои педагогӣ, муассисаҳои таҳсилоти олии мамлакат амалӣ карда мешавад.

То 31 декабри соли 2006 мувофиқи маълумоти Кумитаи давлатии омори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Тоҷикистон дар соҳаи илм 4242 нафар кор мекарданд, ки аз онҳо 1450 нафар соҳиби дараҷаҳои илмӣ, аз ҷумла 352 нафар доктори илм, 1098 нафар номзади илм мебошанд.

Тибқи маълумоти Кумитаи давлатии омори Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2006 дар аспирантура 1052 нафар таҳсил доштанд, 359 нафар ба аспирантура қабул шуданд ва 196 нафар аспирантураро хатм намуданд. Дар солҳои охир қабул ба аспирантура аз рӯи 50-55 ихтисос сурат мегирифт.

Дар соли 2007 дар мамлакат 29 шӯрои диссертатсионӣ, аз ҷумла 13 шӯрои докторӣ ва 16 шӯрои номзадӣ фаъолият доштанд.

Дифои рисолаҳо аз рӯи 46 ихтисос, аз ҷумла дар соҳаи илмҳои дақ қ, табиатшиносӣ ва техникӣ аз рӯи 25 ихтисос, дар соҳаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷамъиятшиносӣ аз рӯи 21 ихтисос гузаронида мешаванд. Дар соли 2007 220 рисола, аз ҷумла 22 рисолаи докторӣ ва 198 рисолаи номзадӣ дифоъ карда шуданд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тарбияи олимони ҷавон, рушди эҷодӣ ва ба ҷалби фаъолонаи онҳо дар фаъолияти илмӣ таваҷҷӯҳи махсус зохир менамоянд.

Дар ташаккули низоми тайёр кардани кадрҳои илмӣ як қатор масъалаҳое мавҷуданд, ки аз саривақт ҳал кардани онҳо самаранокӣ ва сифати тайёр кардани кадрҳои илмӣ ва дар натиҷа пешрафти илм ва нақши он дар рушди иқтисодию иҷтимоии мамлакат вобастагии ҳаматарафа доранд. Аз ҷумлаи масъалаҳои мазкур инҳоро зикр кардан мумкин аст:

1. Ҳамгироии зарурии илм ва маориф ба тартиб дароварда нашудааст. Қатъи назар аз он ки солҳои охир дар ин самт корҳои зиёде ба анҷом расонида шудаанд, ҳоло ҳам ҳамтаъсирии нерӯи илмии академияҳои илмҳо ва муассисаҳои таҳсилоти олӣ ба мақсади тайёр намудани мутахассисон ва кадрҳои илмии баландихтисос ба талаботи замон ҷавобгӯй намебошад, ки ин ҳам ба рушди илм ва сифати низоми таҳсилоти олӣ ва ҳам дар ниҳояти кор ба суръати ташаккули нерӯи зеҳнии мамлакат таъсири манфӣ мерасонад.

2. Савияи дониши аксарияти хатмкардагони муассисаҳои таҳсилоти олӣ барои дохил шудан ба аспирантура ва барои кор дар муассисаҳои илмию таҳқиқотӣ кофӣ намебошад. Яке аз камбудиҳои ҷиддӣ дар таҳсили донишҷӯён дониши сусти забонҳои хориҷӣ мебошад, ки ин барои дохил гардидани онҳо ба аспирантура, машғул шудан ба кори илмӣ ва рафтан ба таҳсилу коромӯзӣ ба марказҳои илмӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олии хориҷӣ имкон намедиҳад.

3. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шӯроҳои диссертатсионие таъсис дода нашудаанд, ки барои дифоъ рисолаҳоро аз рӯи ихтисосҳои серталаб чун сейсмология, энергетика, биотехнология, вирусология, сотсиология, география, демография, ахлоқшиносӣ (этика), ҳуқуқи байналмилалӣ қабул карда тавонанд.

Шӯроҳои диссертатсионӣ аз рӯи ихтисосҳои зикршуда ба он сабаб таъсис дода нашудаанд, ки дар Тоҷикистон миқдори зарурии доктор ва номзадҳои илм аз рӯи ихтисосҳо барои кушодани чунин шӯроҳои диссератсионӣ вуҷуд надорад.

4. Самаранокии низоми тайёр кардани кадрҳои илмӣ табиист, ки аз бисёр ҷиҳат ба таъминоти молиявии ҳама соҳаҳои илм вобаста аст. Хароҷот ба илм доимо зиёд мешавад, вале ҳиссаи хароҷот ба илм аз рӯи ҳисоб ба Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (ММД) дар сатҳи паст қарор дорад. Бо мавҷудияти асосҳо чунин ҳисоб кардан мумкин аст, ки ба андозаи афзоиши суръати рушди иҷтимоию иқтисодии мамлакат таваҷҷӯҳи махсус ба дастгирии иҷтимоии аспирантҳо, олимон ва мутахассисони ҷавон, тамоми нерӯи илмӣ равона карда мешавад.

Амалисозии ин Барнома ба ташаккули нерӯи илмие, ки қобилияти самаранок ҳал кардани масъалаҳои рушди илмию техникӣ ва иҷтимоию иқтисодии мамлакатро дошта бошад, мусоидат менамояд.

## 1. Мақсад ва вазифаҳои Барнома

Мақсади Барнома аз ин иборат аст, ки маҷмӯи тадбирҳо оид ба такмил ва рушди низоми тайёр кардани кадрҳои илмии тахассуси олӣ таҳия ва иҷро карда шаванд, то муассисаҳои илмию таҳқиқотӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олии мамлакат бо миқдори зарурии мутахассисон, дар навбати аввал аз рӯи самтҳои афзалиятдоштаи таҳқиқоти илмӣ, ки Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илм ва технология барои солҳои 2007-2015 муайян кардааст, таъмин карда шаванд ва нерӯи илмие ба вуҷуд оварда шавад, ки қобилияти дар сатҳи муосир ҳал кардани муҳимтарин масъалаҳои рушди илмию техникӣ ва иҷтимоию иқтисодии мамлакатро дошта бошад.

Барои муваффақ гардидан ба мақсадҳои Барнома вазифаҳои зеринро мебояд иҷро кард:

- такмил додани фаъолияти аспирантура дар муассисаҳои илмӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олии мамлакат;

- бомақсадона, дар асоси нақшаҳои дурнамо тайёр кардани номзад ва докторони илм вобаста ба талаботи онҳо дар муассисаҳои илмӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олии мамлакат;

- қабули тадбирҳо оид ба боло бардоштани сифати тайёр кардани кадрҳои илмӣ;

- истифодаи самараноки имконияти ба марказҳои илмии хориҷӣ барои таҳсил дар аспирантура равона намудани хатмкардагони муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва мутахассисони ҷавони муассисаҳои илмии мамлакат;

- такмил додани низоми аттестатсияи кадрҳои илмӣ ва илмию омӯзгорӣ;

- қабули тадбирҳо оид ба дастгирии иҷтимоии аспирантҳо ва олимони ҷавон.

### 2. Самтҳои асосии амалисозии Барнома. Тадбирхое, ки барои муваффақ гардидан ба мақсад ва вазифаҳои Барнома равона карда шудаанд

### 2.1. Фаъолияти аспирантура дар муассисаҳои илмию таҳқиқотӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олии мамлакат

Аспирантура шакли асосии тайёр кардани кадрҳои илмӣ ва илмию омӯзгорӣ дар низоми таҳсилоти касбӣ пас аз хатми муассисаҳои таҳсилоти олӣ мебошад.

Аспирантура дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ки аккредитатсияи давлатӣ доранд ва муассисаҳои илмие, ки соҳиби иҷозатаома ба ҳуқуқи бурдани фаъолияти таҳсилотӣ буда, кадрҳои баландихтисоси илмию омӯзгорӣ ва илмӣ, заминаи илмию таҳқиқотӣ ва таҷрибавии замонавӣ дар ихтиёр доранд, ташкил карда мешавад.

Аспирантура ҳамчун воситаи муассири тайёр кардани кадрҳои илмӣ ва илмию омӯзгории тахассуси олӣ мавҷудияти худро исбот кард. Аксарияти кадрҳои илмӣ ва илмию омӯзгорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дараҷаҳои илмии доктор ва номзади илм ва унвони илмии профессор ва дотсентро соҳибанд, дар замони худ маҳз дар аспирантура таҳсил кардаанд.

Дар айни замон қабул ба аспирантура дар институтҳои Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, ДДМТ, дар муассисаҳои тадсилоти олии Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар муассисаҳои таҳсилотӣ ва илмии Вазорати тавдурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Донишгоҳи аграрии Тоҷикстон (ДАТ) сурат мегирад.

Ҳамчунин дар фаъолияти аспирантура камбудию норасоиҳое ҷой доранд, ки боиси ҳал нагаштани як қатор масъалаҳо гардида, ба раванди тайёр кардани кадрҳои илмӣ ва илмию омӯзгорӣ таъсири манфӣ мерасонанд. Ба ҷумлаи масъалаҳои ҳалнагардида ва камбудиҳо инҳоро дохил кардан мумкин аст:

Бисёре аз хатмкардагони муассисаҳои таҳсилоти олӣ, ки ба аспирантура дохил мешаванд, доир ба ихтисоси интихобкардаашон ва донистани забонҳои хориҷӣ омодагии сусти заминавӣ доранд.

Танҳо қисми каме аз миқдори умумии аспирантҳо (қариб 15%) рисолаҳоро дар мӯҳлати муқарраргардида тайёр намуда, барои дифоъ пешниҳод мекунанд ва ё дифоъ мекунанд.

Қабул ба аспирантура аз рӯи ихтисосҳои илмҳои дақиқ ва табиатшиносӣ кам аст.

Қабул ба аспирантура аз рӯи ихтисосҳое чун радиохимия, экология, биотехнология, технологияи иттилоотӣ, ахлоқшиносӣ (этика), эстетика сурат намегирад.

Норасоии асбобу таҷҳизоти муосири илмӣ, реактивҳои химиявӣ, доруҳои биологӣ ва тиббӣ имконият намедиҳад, ки таҳқиқот дар сатҳи муосири илмию методӣ анҷом дода шавад.

Барои ташкил кардани экспедитсияҳо, сафарҳои илмӣ ва ба даст адабиёти махсуси илмӣ маблағҳои зарурӣ намерасанд.

Ҳолатҳое ҷой доранд, ки ба роҳбарии илмии аспирантҳо шахсоне роҳ дода мешаванд, ки аз рӯи сифатҳои касбии худ ба талаботи роҳбарии илмии аспирант ҷавобгӯй намебошанд.

Стипендияе, ки дар айни замон барои аспирантҳо муқаррар шудааст, ба талаботи воқеии хароҷоти онҳо ҷавобгӯй нест.

На ба ҳамаи довталабоне, ки барои дохил шудан ба аспирантура ба шаҳри Душанбе меоянд, имконияти пешниҳоди ҷой дар хобгоҳҳо вуҷуд дорад, зеро барои аспирантҳо ҳоло ба қадри кофӣ хобгоҳҳо сохта нашудаанд.

Баъзе аз камбудиҳои қаблан зикршударо, ки асосан ба корҳи ташкилӣ алоқаманданд, хеле зуд бартараф сохтан мумкин аст, барои ҳал кардани як қатор масъалаҳо вақти зиёд лозим аст, вале ҳалли қисми зиёди масъалаҳо ба сатҳи таъминоти молиявии соҳаи илм дар ояндаи наздик вобаста мебошад.

Бинобар ин, дар Нақшаи чорабиниҳо доир ба амалисозии Барнома (замимаи 1) масъалаҳои зерин ворид карда шудаанд: беҳтар кардани кори кафедраҳои забонҳои хориҷӣ ва фалсафаи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муассисаҳои таҳсилоти олӣ барои таълими аспирантҳо ва омода кардани онҳо барои супоридани имтиҳонҳои номзадӣ аз ин фанҳои омода кардани пешниҳод оид ба зиёд кардани андозаи стипендияи аспирантҳо ва ба тартиб даровардани пардохти меҳнат барои роҳбарии илмӣ ба аспирантҳо; зиёд кардани қабул ба аспирантура аз рӯи ихтисосҳои илмҳои дақиқ, табиатшиносӣ ва техникӣ.

Бартарафсозии камбудиҳои зикршуда ва ҳалли масъалаҳои мавҷуда барои иҷрои нақшаҳои дурнамои қабул ба аспирантура ва хатми он дар давраи солҳои 2009-2015 (замимаҳои 2-7) шароит фароҳам меоварад.

Нақшаҳо ба таври алоҳида барои Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ДДМТ, Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ДАТ тартиб дода шудаанд.

Оид ба самт ва соҳаҳои илм бо истифода аз таҷрибаи амалии бисёрсолаи тартиби нақшаи қабул ба аспирантура ва хатми он, ҳамчунин бо назардошти нерӯи мавҷуда ва талабот ба мутахассисон дар ин ё он самт ва соҳаҳои илм нишондиҳандаҳои дурнамо оварда шудаанд. Ба назар гирифта шудааст, ки ҳар сол нақшаҳои қабул ба аспирантура ва хатми он тартиб дода мешавад, ки дар онҳо дар ҳудуди нишондиҳандаҳои дурнамо ба ҳар як самт ва ҳар як соҳаи илм нишондиҳандаҳо аз рӯи ихтисосҳои алоҳида, ихтисосҳое, ки муассисаҳои илмӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олӣ ба онҳо эҳтиёҷи сахт доранд, оварда мешаванд. Нақшаи дурнамо, албатта, вобаста ба шароити воқеии мавҷуда мумкин аст ислоҳ карда шавад, вале дар он пешниҳод кардани нишондиҳандаҳои дурнамо беҳад муҳим ва зарур аст, то аспирантура дар фаъолияти худ ба нишона ва афзалиятҳои равшану возеҳ дар кори тайёр кардани кадрҳои илмӣ ва илмию омӯзгорӣ такя намояд.

## 2.2. Тайёр кардани номзад ва докторони илм дар муассисаҳои илмӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олӣ

Воситаи асосии тайёр кардани кадрҳои илмӣ ва илмию омӯзгории дорои дараҷаи илмӣ мисли пешин аспирантура ва докторантура боқӣ мемонад. Қисми зиёди кадрҳои илмӣ ва илмию омӯзгорӣ рисолаҳоро ба воситаи унвонҷӯйии дараҷаи илмӣ дифоъ менамояд. Фаъолияти аспирантура, докторантура ва унвонҷӯйии дараҷаи илмиро Низомномаи тайёр кардани кадрҳои илмӣ ва илмию педагогӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.

Як миқдори докторҳо ва номзадҳои илм дар марказҳои илмӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олии давлатҳои хориҷӣ тайёр карда шуда истодаанд ва тайёр карда мешаванд.

Дар чорабиниҳои Барнома нақшаҳои дурнамои тайёр кардани номзадҳо ва докторҳои илм дар давраи солҳои 2009-2015 (замимаҳои 8 ва 9) дар Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, ДДМТ ва муассисаҳои дигари таҳсилоти олӣ аз рӯи соҳаҳои алоҳидаи илм дохил карда шудаанд.

Қабул ба докторантура тайи солҳои 2009-2015 аз рӯи самтҳои гуногуни илм ва ихтисосҳо тибқи маълумоти дурнамо дар Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон - 20 нафар, Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон - 10 нафар, Вазорати маорифи ҶТ - 130 нафар, Вазорати. тандурустии ҶТ - 40 нафар ва ДДМТ - 44 нафарро ташкил медиҳад.

Ба назар гирифта шудааст, ки зимни тартиб додани нақшаи тайёр кардани номзадҳо ва докторҳои илм дар соли навбатӣ маълумот дар бораи рисолаҳои дар ин сол дифоъшаванда аз рӯи ихтисосҳои алоҳида дар ҳудуди нақшаи муайяни нишондиҳандаҳои миқдорӣ бо назардошти рисолаҳои ба дифоъ омодашуда ва пешниҳодгардида истифода карда мешаванд.

Тайи солҳои 2009-2015 тайёр кардани 1736 номзади илм ва 256 доктори илм, аз ҷумла дар Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон - 436 ва 49, Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон124 ва 22, муассисаҳои таҳсилоти олии Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон - 547 ва 65, ДДМТ - 251 ва 42, Вазорати тандурустии ҶТ - 182 ва 40, ДАТ - 238 ва 38 пешбинӣ гардидааст.

Зарур аст, ки таваҷҷӯҳи махсус барои тайёр кардани номзадҳо ва докторҳои илм дар соҳаи илмҳои дақиқ, табиатшиносӣ ва техникӣ, аз ҷумла дар чунин соҳпҳои илм ва ихтисосҳо, мисли сейсмология, геоэкология, технологияи иттилоотӣ, нанотехнология, биотехнология, генетика, энергетика, иқлимшиносӣ (климатология), иммунология, трансплантология равона шавад. Дар соҳаи илмҳои гуманитарӣ ва ҷамъиятшиносӣ солҳои наздик зарур аст, ки мутахассисони дорои дараҷаҳои илмӣ аз рӯи ихтисосҳои камчин, монанди сотсиология, ахлоқшиносӣ (этика), эстетика, рӯҳшиносӣ (психология), ҳуқуқи байналмилалӣ, ҳуқуқи маъмурӣ, ҳуқуқи меҳнатӣ, демография тайёр карда шаванд.

Иҷрои накшаҳои пешбинигардида дар баробари чорабиниҳои дигар ба таҳкими назарраси нерӯи илмии кадрӣ, баланд бардоштани натиҷанокӣ ва самаранокии таҳқиқоти илмӣ пурзӯрсозии фаъолияти инноватсионӣ ва суръатбахшии рушди иҷтимоию иқтисодии мамлакат мусоидат мекунад.

**2.3. Таҳсил дар аспирантура ва тайёр кардани кадрҳои илмӣ дар марказҳои илмӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олии хориҷӣ**

Дар солҳои охир робитаҳои байналмилалии Тоҷикистон дар соҳаи илм ва ҳамкориҳои илмию техникӣ хеле густариш ёфт.

Дар Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илм ва технология барои солҳои 2007-2015 чораҳо оид ба рушди минбаъда ва баланд бардоштани самаранокии ҳамкориҳо бо ташкилоту муассисаҳои илмии давлатҳои ИДМ, давлатҳои дигар, ташкилотҳои байналмилалӣ, фондҳо, ассотсиатсияҳо ҳам дар асоси шартномаю созишномаҳои ба имзорасонидаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳам Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, муассисаҳои алоҳидаи илмию таҳқиқотӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олӣ пешбинӣ гардидааст.

Мавқеи муҳимро дар ҳамкории илмии байналмилалӣ чорабиниҳо доир ба тайёр кардани кадрҳои илмӣ ишғол мекунад. Миқдори муайяни аспирантҳо таҳсилро дар аспирантура дар марказҳои илмӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олии хориҷӣ мегузаранд. Дар ин муассисаҳо омодагӣ, таҳсил ва баланд бардоштани тахассуси кадрҳои илмӣ гузаронида мешаванд.

Аспирантҳо, олимони ҷавон имконияти бештари иштирокро дар гузаронидани таҳқиқоти муштарак бо олимони хориҷӣ, истифодаи заминаи таҷрибавии муосир, иштирок дар конференсияҳо, симпозиумҳо ва чорабиниҳои дигари илмӣ ба даст меоранд.

Кафолати амалисозии чорабиниҳо доир ба таҳсили аспирантҳо ва тайёр кардани кадрҳои илмӣ дар марказҳои илмӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олии хориҷӣ таваҷҷӯҳи ҳамарӯза афзояндаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати тайёр кардани кадрҳои илмӣ, қабули қарорҳои махсус доир ба ин масъала ва ҷудо намудани маблағҳои мақсаднок дар ин самт мебошад. Масалан, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тайёр кардани мутахассисон дар хориҷа тайи солҳои 2005-2006 - 1260 ҳазор сомонӣ, соли 2007 - 1500 ҳазор сомонӣ, соли 2008-2500 ҳазор сомонӣ ҷудо намуд.

Миқёс ва самаранокии ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи тайёр кардани кадрҳои илмӣ аз бисёр ҷиҳат ба шароити муайяннамудаи шартномаю созишномаҳои басташуда, миқдори грантҳои ба ин мақсад ҷудогардида, квотаҳо барои иштирок дар барномаҳои таҳсил, баландбардории тахассус ва навъу шаклҳои дигари дастгирии олимони ҷавон вобастагӣ дорад.

Аҳамияти муҳимро фаъолият ва ташаббуси роҳбарони муассисаҳои илмӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олӣ нисбат ба истифодаи имкониятҳои пешниҳодшуда, сатҳи омодагӣ аз рӯи ихтисосҳои аспирантон ва

кормандони ҷавони илмӣ ва аз тарафи онҳо донистани забонҳои хориҷӣ соҳиб аст.

Пешбинӣ мегардад, ки дар ҷараёни иҷрои Барнома нақшаҳои ҳарсолаи ба хориҷа дар асоси шароиту имкониятҳои воқеӣ равона кардани аспирантҳо ва командони ҷавони имлӣ тартиб дода мешаванд. Дар ин маврид роҳбарони муассисаҳои илмӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олӣ бояд дар назар дошта бошанд, ки барои рушди минбаъдаи илм ва инноватсияҳо тайёр кардани кадрҳои илмӣ дар чунин соҳаҳои илм ва ихтисосҳое, ки аз рӯи онҳо дар кишвари мо алҳол кадрҳои илмӣ тайёр карда намешавад (технологияи иттилоотӣ, навъҳои барқароршавандаи энергия, нанотехнология, биотехнология, экология, сотсиология, демография ва монанди инҳо) беҳад муҳим мебошад.

### 2.4. Такмили низоми аттестатсияи кадрҳои илмӣ ва илмию омӯзгории тахассуси олӣ

Комиссияи аттестатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба аттестатсияи кадрҳои илмӣ ва илмию омӯзгории тахассуси олӣ (КА ҶТ) бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 сентябри соли 1997 № 395 таъсис дода шуда буд.

Комиссияи аттестатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси Созишномаи байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Федератсияи Россия дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаи аттестатсияи кадрҳои илмӣ ва илмию омӯзгории тахассуси олӣ, ки дар шаҳри Душанбе 12 феврали соли 1997 ба имзо расида буд, фаъолият мекунад. КА ҶТ дар фаъолияти худ Низомномаи шӯрои дифоъи рисолаҳои докторӣ ва номзадӣ, Низомномаи тартиби  додани дараҷаҳои илмӣ, Низомномаи тартиби додани унвонҳои илмӣ, ҳуҷҷатҳои дигари ҳуқуқӣ ва меъёрии Комиссияи олии аттестатсионии Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россияро (КОА ФР) ба роҳбарӣ мегирад.

КА ҶТ таваҷҷӯҳи асосиро ба ташаккули шабакаи шӯроҳои диссертатсионии назди муассисаҳои илмию таҳқиқотӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олӣ, беҳтаргардонии сифати кори шӯроҳои диссертатсионӣ ва рисолаҳои ба дифоъ пешниҳодшаванда равона месозад.

Дар айни замон, вобаста ба ворид гардидани тағйирот ба Низомномаи шӯрои дифоъи рисолаҳои докторӣ ва номзадӣ ва Низомномаи тартиби додани дараҷаҳои илмӣ шабакаҳои шӯроҳои диссертатсионӣ дар марҳилаи бозрасӣ қарор доранд - онҳо бояд аз нав тасдиқ гардида, шӯроҳои нави диссертатсионӣ кушода шаванд. Мақсад аз бозрасии шабакаҳои шӯроҳои диссертатсионӣ беҳтар кардани кори онҳо, баланд бардоштани серталабӣ нисбат ба унвонҷӯёни дараҷа ва унвонҳои илмӣ, баланд бардоштани сифати экспертизаи корҳои диссертатсионӣ, тавсеаи ошкорбаёнӣ дар низоми аттестатсия мебошад.

Ба Хадамоти федералии назорат дар соҳаи маориф ва илми Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия бобати дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав тасдиқ намудан ва кушодани 27 шӯрои диссертатсионӣ дархост пешниҳод гардид. То 1 майи соли 2008 9 шӯрои диссертатсионӣ аз нав

тасдиқ карда шуданд, ки аз онҳо 3 шӯрои докторӣ ва 6 шӯрои номзадӣ мебошанд.

Вазифаи асосии КА ҶТ дар солҳои наздик кор доир ба ташаккули шабакаи шӯроҳои диссертатсионӣ боқӣ мемонад. Дар ин маврид на танҳо шабакаи шӯроҳои диссертатсионие ташаккул дода мешаванд, ки онҳо рисолаҳоро барои дифоъ танҳо дар соҳаҳои илм ва ихтисосҳои таъмин бо нерӯи илмии мувофиқ (яъне, миқдори зарурии докторҳо ва номзадҳои илм барои фаъолияти шӯроҳои диссертатсионӣ) қабул карда тавонанд, балки бо фароҳам омадани шароити зарурӣ шӯроҳои диссертатсионӣ ҳуқуқ дошта бошанд, ки барои дифоъ рисолаҳоро аз рӯи ихтисосҳое низ қабул намоянд, ки аз рӯи онҳо ҳоло рисолаҳо дифоъ карда намешаванд, масалан технологияи соҳаҳои гуногуни саноат, ботаника, зоология, мардумшиносӣ (этнография), фарҳангшиносӣ ва монанди инҳо. Ба ин мақсад таъсис додани шӯроҳои муттаҳидаи байниидоравии диссертатсионӣ пешбинӣ карда мешавад. Нақшаи ташаккул ва муносибгардонии шӯроҳои диссертатсионӣ дар Замимаи 10 оварда шудааст.

Сол аз сол ҳаҷми кори КА ҶТ зиёд мегардад, самтҳои фаъолияти он вобаста ба зарурати гузаронидани назорат ва ҳамоҳангсозии кори шӯроҳои диссертатсионӣ, дар низоми аттестатсия татбиқ кардани технологияи муосири иттилоотию коммуникатсионӣ, таъсиси захира (бонк)-и маълумот оид ба шӯроҳои диссертатсионӣ, инчунин нишондиҳандаҳои миқдории дифоъи рисолаҳо дар самтҳои гуногуни илм ва ихтисосҳо ва, умуман, нерӯи илмӣ, гузаронидани семинарҳо, машваратҳо, ҷаласаҳои Раёсат ва Сессияҳои КА ҶТ, нашри бюллетени КА ҶТ, ҳисоботи таҳлилӣ ва маводи дигар тавсеа меёбад. Вобаста ба ин доир ба тавсиаи вазифаҳо ва зиёд кардани басти кормандони КА ҶТ пешниҳодҳо омода карда мешаванд.

Ғайр аз ин, ба Нақшаи чорабиниҳо доир ба амалисозии Барнома ҳамчунин пешниҳодҳо оид ба ҷудо намудани маблағҳо аз буҷети давлатӣ барои таъмини кори шӯроҳои диссертатсионӣ (хароҷоти пардохти меҳнати муқарризони расмӣ, нашр кардани авторефератҳои рисолаҳо, пардохти хароҷоти сафари муқарризони расмӣ аз шаҳрҳои дигар, харидорӣ кардани компютерҳо ва пайвастшавӣ ба Интернет ва ғайра) ворид карда мешаванд.

Комиссияи аттестатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистонро зарур аст, ки ҳамроҳ бо роҳбарони муассисаҳои илмию таҳқиқотӣ ва муассисаҳои таҳсилоти олӣ корҳоеро бобати ба тартиб даровардани номгӯйи маҷаллаҳои илмӣ, ки дар онҳо бояд натиҷаҳои асосии рисолаҳо бо риояи меъёрҳои зарурии ба ин маҷаллаҳои илмӣ пешниҳодшаванда (рейтинги маҷалла дар иттиҳоди илмӣ, тақризнависӣ, рефераткунӣ ва шохис (индекс)-и иқтибосоварии мақолаҳо, теъдод, обунашавӣ ба маҷалла) чоп карда шаванд, анҷом диҳанд.

Таҷрибаи 10-солаи ҳамкории Комиссияи аттестатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия оид ба аттестатсияи кадрҳои илмӣ ва илмию омӯзгории тахассуси олӣ сермаҳсулӣ ва самаранокии чунин ҳамкориро, ки барои дар сатҳи баланд гузаронидани аттестатсия имкон медиҳад, исбот

менамояд. Он ҳолат аҳамияти муҳим дорад, ки шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон рисолаҳои худро дар шӯроҳои диссертатсионии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалкунанда дифоъ намуда, соҳиби дипломҳои КОА ФР мегарданд, ки онҳо яке аз бонуфузтарин дар ҷаҳон мебошанд.

Бо дарназардошти ин, КА ҶТ дар оянда низ мақсад дорад, ки ҳамкориро бо КОА ФР дастгирӣ намуда, равнақ диҳад ва дар доираи Барномаи тайёр кардани кадрҳои илмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2015 як қатор чорабиниҳои муштаракро, ки ба тавсиаи шабакаи шӯроҳои диссертатсионӣ ва такмили тамоми низоми аттестатсияи кадрҳои илмӣ ва илмию омӯзгорӣ нигаронида шудаанд, таҳия намояд.

## 3. Дастгирии давлатии тайёр кардани кадрҳои илмӣ

Дастгирии давлатии тайёр кардани кадрҳои илмӣ ба дастгирии давлатии ҳама соҳаҳои илм алоқаманд аст. Барои дастгирӣ кардани нерӯи илмӣ таъмини маблағгузории устувори давлатӣ, афзоиши пайдарпайи хароҷот ба илм заминаи асосӣ мебошад.

Зимни банақшагирии дурнамои хароҷоти молиявӣ ба илм таваҷҷӯҳи асосӣ бояд ба таъмини молиявии амалисозии чорабиниҳои Барномаи тайёр кардани кадрҳои илмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2015 равона гардад. Дастгирии давлатии тайёр кардани кадрҳои илмӣ дар баробари таъминоти молиявӣ ҳамчунин қабули як қатор чораҳоеро пешбинӣ менамояд, ки ба такмили заминаи меъёрии ҳуқуқии илм, меҳанизмҳои маблағгузорӣ, ташкил кардани таҳқиқот, дастгирии иҷтимоии аспирантҳо ва кормандони илмӣ нигаронида шудаанд.

Таҳия ва иҷрои чорабиниҳои зерин ба нақша гирифта мешавад:

- давра ба давра зиёд намудани андозаи стипендияи аспирантҳо;
- такмили низоми пардохти меҳнати докторҳо ва номзадҳои илм барои роҳбарии илмӣ ба аспирантҳо;
- ҷорӣ намудани низоми шартномавии пардохти музди меҳнат дар соҳаи илм;
- такмили фаъолияти КА ҶТ.

## 4. Таъмини молиявии амалисозии Барнома

Манбаи асосии таъминоти захиравии амалисозии Барнома маблағгузории давлатии буҷетӣ мебошад, ки дар соҳаи "Илм" ва соҳаи "Маориф" ҷудо мегардад. Ҳамчунин истифодаи маблағҳои молиявие, ки ҳукумати мамлакат ба тарзи мақсаднок барои тайёр кардани мутахассисон дар давлатҳои дигар ҷудо менамояд, низ дар назар аст.

Барои иҷрои чорабиниҳои Барнома ҳамчунин манбаъҳои ғайрибуҷетии маблағгузорӣ, аз ҷумла маблағҳои ташкилоту фондҳои байналмилалӣ, дастгирии спонсорӣ ва манбаъҳои дигар низ ҷалб карда мешаванд, агар ҷудо кардан ва истифодаи ин маблағҳо хилофи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон набошад.

Нишондиҳандаҳои мақсадноки дурнамои хароҷоти молиявӣ ва манбаъҳои маблағгузорӣ зимни таҳияи чорабиниҳои алоҳидаи Барнома (нақшаҳои қабул ба аспирантура, тайёр кардани номзад ва докторони илм,

пардохт барои роҳбарии илмӣ ба  аспирантҳо, хароҷоти ба фаъолияти шӯроҳои диссертатсионӣ ва Комиссияи аттестатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тайёр кардани кадрҳои илмӣ ва илмию омӯзгории тахассуси олӣ алоқаманд ва монанди инҳо) муайян карда мешаванд. Ҳаҷми маблағгузории чорабиниҳои Барнома вобаста ба имкониятҳои буҷети давлатӣ, дохилшавии воқеии маблағҳои бо хароҷоти молиявӣ тағйир меёбанд.

## 5. Идораи амалисозии Барнома ва назорати иҷрои чорабиниҳои Барнома

Барнома аз тарафи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, муассисаҳои таҳсилоти олии низоми Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ДДМТ, ки ҳуқуқи амалисозии фаъолияти таълимро соҳибанд ва дар назди онҳо аспирантура вуҷуд дорад, кадрҳои илмии тахассуси олӣномзад ва докторҳои илм тайёр мекунанд, амалӣ карда мешавад.

